*Барои истифодаи хизматӣ*

Кумитаи кор бо занон ва оила назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Пешгирии Зуроварии Хонаводагӣ

PDV

Prevention of Domestic Violence

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

# ДАСТУРАМАЛ

## оид ба ташкили фаъолияти мақомоти кор бо занон ва оила дар самти таъмини рушди баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила

Душанбе – 2018

Кумитаи кор бо занон
ва оила назди
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Пешгирии Зуроварии Хонаводагӣ
PDV
Prevention of Domestic Violence

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

# ДАСТУРАМАЛ

## оид ба ташкили фаъолияти
## мақомоти кор бо занон ва оила дар самти
## таъмини рушди баробарии гендерӣ ва
## пешгирии зӯроварӣ дар оила

**Душанбе – 2018**

Дастурамали мазкур бо дастгирии Ҳукумати Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар доираи Лоиҳаи Пешгирии зӯроварии хонаводагӣ (PDV) таҳия ва ба чоп расидааст. Иттилооти мухтавои ин дастурамал натиҷаи фаъолияти гурӯҳи муаллифон буда, наметавонад инъикосгари мавқеи расмӣ ва дидгоҳи Ҳукумати Швейтсария оид ба ҳамкорӣ бошад.

Дастурамал бо фармоиши Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 159 аз 8 ноябри соли 2018 тасдиқ гардидааст.

**© Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**© GOPA/ PDV дар Тоҷикистон**

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал оид ба ташкили фаъолияти кормандони мақомоти кор бо занон ва оила дар самти таъмини рушди баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила (минбаъд -Дастурамал), тартиби ба роҳ мондани коргузориро дар самти танзими муносибатҳои вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, мусоидат намудан ба рушди баробарии гендерӣ, инчунин ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба зӯроварӣ дар оила мусоидаткунандаро ба низом медарорад.
2. Дастурамал барои кормандони дастгоҳи марказии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Кумита) ва воҳидҳои сохтории он қоидаҳои ягонаи пешбурди фаъолиятро дар самти таъмини рушди баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила муқаррар менамояд.
3. Дастурамали мазкур фаъолияти кормандонро оид ба ҳамкории онҳо бо аҳолӣ барои баланд бардоштани дараҷаи умумии огоҳӣ доштан дар бораи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии баробарҳуқуқии гендерӣ, пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила, инчунин ҳамкорӣ дар таъмини иҷрои стратегияву барномаҳои миллӣ бо сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ.
4. Кормандони дастгоҳи марказии Кумита ва воҳидҳои сохтории он вобаста ба риояи талаботи Дастурамал ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ масъулияти шахсӣ доранд.

# 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

5. Дар Дастурамал мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда шудаанд:
   - «*баробарии гендерӣ*» – вазъи баробари ҳуқуқии занону мардон ва имкониятҳои баробар барои татбиқи он, ки ба шахсони ҳарду ҷинс барои озодона инкишоф додани қобилиятҳои эҳтимолиашон, ҳосил намудани маҳорату малакаҳо барои иштирок нмудан дар рушди

сиёсӣ, иҷтимоиву маданӣ ва аз худ намудани дастовардҳои он имконият медиҳанд;

- «*баробарҳуқуқӣ»* – баробарии ҳуқуқ, вазифа ва масъулияти занону мардон дар назди қонун;
- «*имкониятҳои баробар»* – амалан таъмин намудани шароитҳои баробари татбиқи ҳуқуқҳои занону мардон мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст;
- «*дискриминатсия* аз рӯйи аломати ҷинсӣ» – ҳар гуна фарқият, истисно ё маҳдуд намудан аз рӯйи ҷинс, ки ба суст намудан ё риоя накардани эътирофи баробарҳуқуқии занону мардон дар соҳаи сиёсат, иҷтимоӣ, фарҳанг ё соҳаи дигар равона карда шудааст;
- *«пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила»* - маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилӣ, ки аз тарафи субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила амалӣ карда шуда, ба муҳофизати ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дар доираи муносибатҳои оилавӣ, пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила, муайян ва бартараф намудани сабабҳо ва шароитҳои ба зӯроварӣ дар оила мусоидаткунанда равона карда шудааст;
- «*зӯроварӣ дар оила»* – зӯроварӣ дар оила – фаъолияти бадқасдонаи зиддиҳуқуқии дорои хусусияти ҷисмонӣ, руҳӣ, шаҳвонӣ ва иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз тарафи як аъзои оила нисбати дигари аъзои оила содир шуда, сабаби поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои вай, расонидани дарди ҷисмонӣ ва зарар ба саломатии вай ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба саломатӣ мегардад;
- *«шахси аз зӯроварӣ дар оила ҷабрдида»* (минбаъд – ҷабрдида), аъзои оила, ки ба вай бадқасдона аз тарафи дигар аъзои оила зарари ҷисмонӣ, ахлоқӣ ё моддӣ расонида шудааст;

– *«субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила»* - мақомотҳои давлатӣ, мақомотҳои фаъолияти ҷамъиятӣ, корхона, муассиса, дигар ташкилоту шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила масъул мебошанд.

## 3. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ДАСТУРАМАЛ

6. *Мақсади* Дастурамали мазкур ба танзим даровардани фаъолияти кормандони дастгоҳи марказии кумита, раёсат, шуъба ва бахшҳои кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар самти таъмини рушди баробарҳуқуқии гендерӣ ва пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила тавассути мушаххас гардонидидани ваколат, вазифа ва чорабиниҳои ба он равонагардида маҳсуб меёбад.
7. *Вазифаҳои* асосии Дастурамал аз тарафи кормандони дастгоҳи марказии Кумита ва воҳидҳои сохтории он мусоидат намудан ба татбиқи амалии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ба даст овардани баробарҳуқуқии гендерӣ ва муқовимат нисбат зӯроварии занон, аз ҷумла аз ҳисоби такмил додан ва ҳамоҳангсозии саъю кушишҳо бо сохторҳои мувофиқ аз рӯи ҷанбаҳои васеъ имкониятҳои занон, амалӣ намудан ё барқарор кардани ҳуқуқҳои вайронкардашудаи онҳо ва осон намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои кафолатдодаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

## 4. МУҚАРРАРОТИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚӢ ОИД БА РУШДИ БАРОБАРҲУҚУҚИИ ГЕНДЕРӢ ВА ПЕШГИРӢ НАМУДАНИ ЗӮРОВАРИИ ОИЛАВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### §1. Санадҳои қонунгузорӣ ва зерқонунӣ дар самти рушди баробарҳуқуқии гендерӣ

8. Сандаҳои меъёрии ҳуқуқии зерин масъалаҳои рушди баробарҳуқуқии гендериро танзим мекунанд:

- *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон* ҳуқуқҳои баробарро дар асоси ҷинс кафолат медиҳад (моддаи 17), дар қонунгузории заминавӣ *Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои қонунгузорӣ* принсипҳои поймол накардани ҳуқуқ таҳким ёфтаанд;
- *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо»* намояндагии баробари занону мардҳоро дар мақомоти давлатӣ, таъмин намудани имкониятҳои баробари мардону занон ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқи интихоботии худ, ҳуқуқ барои таълим ва илм, кафолати таъмин намудани имкониятҳои баробари мардону занон ҳангоми дохил шудан ба хизмати давлатӣ, фаъолият ва таъмини ҳуқуқҳои баробари мардону занонро дар доираи имкониятҳои иҷтимоию иқтисодӣ пешбинӣ менамояд;
- *Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030,* ки бо қарори Ҳукумати *Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз 01 октябри соли 2016, №392 тасдиқ карда шудааст, кам намудани нобаробарии гендериро дар асоси такмил додани сиёсати таъмин наудани баробарҳуқуқии воқеии гендерӣ ва пешгирӣ намудани ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ нисбати занону духтарон, таҳияву татбиқи барномаҳои тағйир додани шаклҳои идрок ва шаклҳои рафтори ҷонибдори зӯроварӣ нисбати занону духтарон ва хизматрасониҳо ба занони аз зӯроварӣ ҷабрдидаро пешбинӣ менамояд;
- *Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,* ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №801 тасдиқ карда шудааст, таъмин намудани татбиқи ҳатмии принсипи констутисионии баробарҳуқуқии зану мардро дар муносибатҳои оилавӣ, муҳофизати оила ҳамчун дастоварди муҳими иҷтимоию маданӣ, нигоҳ

доштани анъанаҳои ахлоқу одобро дар муносибатҳои оилавӣ пешбинӣ менамояд;

– *Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020,* ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, №269 ва Нақшаи амали *Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2020, ки бо қарори* Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2015, №548 тасдиқ карда шудааст, иштироки фаъоли занонро дар сиёсат, таъмин намудани баробарии гендериро дар соҳаи тандурустӣ, меҳнат, маориф, шуғл, дастгирии рушди соҳибкории занон, таҳкими муносибатҳои оилавӣ, аз байн бурдани қолабҳои гендерӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занонро дар Тоҷикистон пешбинӣ менамоянд;
– Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 ноябри соли 2015, №645 *«Дар бораи таъсис ва ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2016-2020»* ба мақсади рушди фаъолияти соҳибкории занони мамлакат қабул шудааст.

### §2. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба рушди баробарҳуқуқии гендерӣ:

9. Тоҷикистон мамлакати иштирокчии *Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъийз нисбати занон* ва дигар созишнома/шартномаҳои асосии муҳофизати ҳуқуқи инсон мебошад. Ҳангоми таҳияи Дастурамал меъёру қоидаҳое ба назар гирифта шудаанд, ки дар Ҳадафҳои Рушди Устувор, инчунин *Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳои давлатҳои аъзои Шӯрои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ (даври дуюм) барои солҳои 2017–2020*, ки барои иҷрои чорабиниҳои таъмин намудани баробарии гендерӣ қабул шудаанд (17.07.2017), инчунин *Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба*

*иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ барои солҳои 2015–2020 муайян карда шудаанд,* ки амалҳои баланд бардоштани дараҷаи фаҳмиши масъалаҳои ҷамъиятии баробарии гендериро ба мақсади решакан намудани қолабҳои гендерӣ дар оила ва ҷамъият пешбинӣ менамояд.

10. Мувофиқи *Низомномаи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,* ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2004, №513 тасдиқ карда шудааст, кумита сиёсати давлатиро оид ба ҳифз ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои зан ва оила татбиқ намуда, барои кӯмаки ҳамаҷониба дар баланд бардоштани мақоми иҷтимоии зан дар ҷамъият, муҳайё сохтани шароитҳои баробар барои амалӣ гардидани ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ва таъмини баробарии гендерӣ, боло бурдани фаъолияти меҳнатӣ ва ҷамъиятию сиёсии занон, васеъ намудани доираи иштироки онҳо дар ҳалли вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, идораи корҳои давлатию ҷамъиятӣ, ҳамоҳанг намудани фаъолияти созмонҳои ҷамъиятии занон дар ҳалли проблемаҳои оила, ҳифзи модару кӯдак мусоидат мекунад.

## §3. Санадҳои қонунгузорӣ ва зерқонунӣ дар самти пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила

11. Сандаҳои меъёрии ҳуқуқии зерин масъалаҳои муқовимат ба зӯроварӣ дар оиларо танзим мекунанд:

– *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»* санади асосии қонунгузорӣ мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятии ба пешгирии зӯроварӣ дар оиларо ба танзим медарорад ва вазифаи субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо дар самти ошкор намудан, пешгирӣ ва бартараф кардани сабабу шароитҳои ба зӯроварӣ дар оила муосидаткунанда муайян мекунад. Мувофиқи моддаи 6 *Қонуни мазкур* ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила ба гирифтани намудҳои зерини махсуси кӯмак ҳуқуқ дорад:
   - кӯмаки тиббӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ;

- бо розигии хаттиаш дар марказҳои ёрирасон, марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон ҷойгир карда шавад;
- маслиҳатҳои ҳуқуқӣ ва дигар иттилоотро оид ба ҳифзи амнияташ гирад;
- бо мақсади маҳкумкунии ҷамъиятии рафтори шахси содиркунандаи зӯроварӣ дар оила ба мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ муроҷиат намояд;
- ба мақомоти корҳои дохилӣ, прокуратура ё суд дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахси содиркунандаи зӯроварӣ дар оила муроҷиат намояд.

Мувофиқи моддаи 9-и Қонуни мазкур мақомоти давлатии кор бо занон ва оила оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ваколатҳои зеринро дорад:

- иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила;
- таҳлили сабаб ва шароитҳои ба зӯроварӣ дар оила мусоидаткунанда;
- пешниҳоди таклифҳо ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати андешидани тадбирҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила;
- андешидани тадбирҳои иттилоотию тарғиботӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила;
- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

*Нақшаи чорабиниҳои Барномаҳои давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023,* ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 майи соли 2014, №294 тасдиқ карда шудааст, оид ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» мунтазам гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни аҳолӣ

пешбинӣ менамояд. Пурзӯр намудани сохтори кӯмак ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва баланд бардоштани тахассуси мутахассисон ҳамчунин қисми таркибии ин барнома мебошад:

– *Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,* ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №801 тасдиқ карда шудааст, зарурияти таъмин намудани кӯмаки ройгони ҳуқуқӣ, тиббӣ ва равониро ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила тавассути дастгирии марказҳои амалкунандаи буҳронӣ ва ташкил намудани марказҳои нави ёридиҳандаи иҷтимоӣ дар ҳамаи минтақаҳои мамлакат; таъмин намудани бақайдгирии пурраи ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила, зарурати гузаронидани тафтиши саривақтӣ, баррасӣ ва тафтишоти судии чунин парвандаҳоро ба мақсади ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон ва пардохти ҷубронпулиҳо ба ҷабрдидагонро қайд менамояд;
– *Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030*, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ карда шудааст, инкишофи заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон ва кӯмак расонидан ба ҷабрдидагони зӯроварӣ, такшил намудани институтҳои ҳамоҳангсозӣ ва васеъ намудани фаъолияти сохторҳои давлатиро дар доираи пешгирии зӯроварӣ дар оила ва кӯмак ба ҷабрдидагони зӯровариро пешбинӣ менамояд;

## 5. ФАЪОЛИЯТИ КОРМАНДОНИ РАЁСАТ, ШУЪБА ВА БАХШҲОИ КОР БО ЗАНОН ВА ОИЛА ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ ВА ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

### §1. Принсипҳои корӣ

12. Кормандони кумита ва воҳидҳои зерсохтори он дар доираи ваколатҳояшон оид ба муқовимат ба зӯроварӣ дар оила **принсипҳои** зеринро амалӣ менамоянд:

- *эҳтироми шаъну шарафи инсонӣ ва истисно намудани поймолкунии ҳуқуқ (дискриминатсия)* – маҳкум накардани ҷабрдидагон ва таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳо;
- *махфият* – фош накардани далели зӯроварии арзкардашудаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бе ризоияти хаттии ҷабрдидагон[1];
- *фавран кӯмак расонидан* – сари вақт вокуниш нишон додани кормандон ба ҳодисаҳои арзкардашудаи зӯроварӣ дар оила барои барқарор намудани саломатӣ/қобилияти кории осебдидагон, пешгирӣ намудани ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила нисбати дигар аъзои оилаи ҷабрдидагон (махсусан кӯдакон, маъюбон ва пиронсолон), инчунин саривақт пешгирӣ намудани кӯшишҳои худкушӣ дар заминаи зӯроварӣ дар оила ва дигар намудҳои зӯроварӣ содир мешавад;
- *таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ* – таъмин намудани кӯмаки аз тарафи қонун кафолатдодашуда ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва мусоидат намудан барои ба ҷавобгарӣ кашидани ҳуқуқвайронкунанда; осон намудани дастрасӣ ба адолати судӣ барои шахсони ҷабрдида аз ҳисоби бозравонӣ ба хадамоти тиббии судӣ барои муайянкунии зарари ба саломатӣ расонидашуда, инчунин муроҷиат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷойи истиқомати шахсони ҷабрдида;
- *муносибати маҷмӯӣ дар амалҳои* кормандони кумита ва воҳидҳои зерсохтори он аз ҳисоби бозравонии ҳолатҳои ошкоршудаи ҷабрдидагони зӯроварӣ ва мутобиқи ваколатҳо ташкил намудани хизматрасониҳои маҷмӯии субъектҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»;

[1] Ҳодисаҳои осебҳои вазнини ҷисмонӣ, ба номус таҷовуз кардан, кӯшиши/ҷалб намудан ба худкушӣ, ҳар гуна шаклҳои зӯроварӣ нисбати ноболиғон истисно мебошанд – оид ба ин ҳодисаҳо кормандон вазифадоранд ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷойи истиқомати ҷабрдидагон бе ризоияти онҳо хабар диҳанд.

– барои дар сатҳи зарурӣ ташкил намудани чорабиниҳои пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила кормандони кумита ва воҳидҳои зерсохтори он дар фаъолияти худ аз *Стратегияи коммуникативии тағйир додани рафтор вобаста ба зӯроварӣ дар оила, ки бо қарори мушовараи кумита аз 22 сентябри соли 2017 тасдиқ шудааст, истифода намоянд.*

## §2. Ваколатҳо оид ба таъмини рушди баробарии гендерӣ

**13. Кормандони Кумита дар самти таъмини рушди баробарии гендерӣ дорои ваколатҳои зерин мебошанд:**

– ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки аз рӯи онҳо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои соҳаи фаъолияти Кумита, ки бо банди 1 ҳамин Низомнома муқарраргардида, таалуқ доранд, инчунин лоиҳаи нақшаи кор ва нишондодҳои пешбинишавандаи фаъолияти Кумитаро таҳия ва пешниҳод менамоянд;
– дар якҷоягӣ сохторҳои дахлдор тадқиқоти маҷмӯиро (комплексиро) барои таҳияи минбаъда ва ҳамоҳангсозии иҷрои барномаҳои байниидоравӣ оид ба беҳтар гардонидани вазъи демографӣ ва беҳшавии мавқеи зан мегузаронад;
– фаъолиятро оид ба пайдо ва арзёбӣ кардани роҳҳои навовар ва мубрам дар ҳалли масъалаҳои занон ва оила, ташаккули тафаккури мусбати ҷамъиятии вобаста ба мавқеи занон дар ҷамъият ташкил менамояд;
– васоити ахбори оммаро барои пахши иттилоот нисбати мавқеи занон, ҳуқуқу имкониятҳои онҳо, асосҳои баробарҳуқуқии гендерӣ ташвиқи тарзи ҳаёти солим, некуаҳволии маънавӣ, муносибати масъулиятнокии ҷавононро барои барпо намудани оила истифода мебарад;

– фаъолияти сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шариконни байналмилалиро оид ба пешрафти баробарии гендерӣ ва ҳалли масъалаҳои занон ва оила ҳамоҳанг месозад;
– бо мақомоти қонунгузор, мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятии дар доираи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ҳамкорӣ менамояд;
– мониторинги иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати пешрафти баробарии гендерӣ татбиқ менамояд;
– ҳангоми зарурат ба ҷаласаҳои худ роҳбарони дахлдори вазоратҳо, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳуриро даъват менамояд;
– мурооҷиатҳои шаҳрвандонро вобаста ба салоҳияти худ саривақт ва бо сифат баррасӣ намуда, аз натиҷаҳои он ба ҷонибҳои дахлдор иттилоот медиҳад;
– Кумита дар доираи ваколатҳои худ қарорҳо қабул намуда, аз рӯйи ташкил ва иҷрои онҳо назорат мебарад;
– бо тартиби муқарраршуда озмунҳо мегузаронад ва қарордодҳои давлатӣ барои ҷойгир кардани фармоишҳо ҷиҳати таҳвили мол, иҷрои корҳо, хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти Кумита, инчунин барои гузаронидани корҳои илмӣ- тадқиқотӣ дар соҳаи фаъолияти муқарраршуда ба имзо мерасонад;
– омодагии касбӣ ва такмили ихтисоси мутахассисонро бо мақсади амалӣ намудани сиёсати давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занон ва духтарони лаёқатманд таш кил мекунад;
– мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои соҳибмулкиро нисбати амволи давлатӣ, ки бо ҳуқуқи идоракунии оперативӣ барои таъмини иҷрои вазифаҳои Кумита дода шудааст, амалӣ менамояд;

- дар доираи салоҳияти худ ҳифзи маълумоте, ки сирри давлатиро таш кил медиҳад, таъмин менамояд;
- омодагии касбии кормандони Кумита, бозомӯзии онҳо, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии онҳоро ташкил мекунад;
- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳоро оид ба такмилдиҳӣ, ҳифз, ба ҳисоб гирифтан ва истифодаи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти Кумита ба вуҷуд омадаанд, антом медиҳад;
- бо тартиби муқарраршуда конгрессҳо, конференсияҳо, семинарҳо, намоишгоҳҳо ва чорабиниҳои дигарро дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият ташкил мекунад;
- вазифаҳои ихтиёрдори асосӣ ва гирандаи маблағҳоеро, ки дар буҷети ҷумҳуриявӣ барои таъминоти Кумита ва татбиқи вазифаҳои ба он вогузоршуда пешбинӣ гардидаанд, анҷом медиҳад.

### §3. Ваколатҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила

14. Мақомоти давлатии кор бо занон ва оила оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ваколатҳои зеринро доранд:
    - иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила; - таҳлили сабаб ва шароитҳои ба зӯроварӣ дар оила мусоидаткунанда;
    - пешниҳоди таклифҳо ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати андешидани тадбирҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила;
    - андешидани тадбирҳои иттилоотию таблиғотӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила;
    - амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

15. Вазифаи асосии мақомоти давлатии кор бо занон ва оила оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила эътино ба ҳолатҳои зӯроварӣ ва ташкили хизматрасонӣ ба ҷабрдидаи зӯроварӣ мебошад:

- Иртиботи нахустин бо ҷабрдидаи зӯроварӣ хеле муҳим мебошад, чунки боварӣ ба ҳамаи мутахассисон вобаста ба таҷрибаи муошират бо мутахассисони нахустин рӯй медиҳад, ки ба он ҷо шахси ҷабрдида муроҷиат намудааст. Вазифаи асосии марҳилаи мазкур фароҳам овардан ва нигоҳдории фазои ҳамдигарфаҳмӣ мебошад. Шарти асосии муваффақияти суҳбат боварии муроҷиаткунанда ба корманди кумита ва вохидхои зерсохтори он фароҳам будани фазои мусоиди равонӣ мебошад. Иттилооти муфидро ҳангоми суҳбат метавонад рафтори берунаи муроҷиаткунандагон-ҷабрдидагони тахминии зӯроварӣ, имову ишора, оҳанги нутқ дода метавонад. Ҳангоми муошират бо ҷабрдидаи эҳтимолии зӯроварӣ кормандон бояд худро муаррифӣ намояд; ба ҳамсуҳбаташ комилан бо «Шумо» муроҷиат намояд; оромона сухан гуфта, оромӣ ва мутаносибияти худро намоиш диҳад.

16. Мутахассисони кумита ва вохидхои зерсохтори он метавонанд ба ҳолатҳои зерин, ки ҷабрдидаи зӯроварӣ эҳсос менамояд, ба далели алоқаи имконпазири онҳо бо зӯроварӣ дар оила диққат диҳанд:

- аломатҳои депрессия, изтироб, ихтилоли баъдиосебии стрессӣ, вайроншавии хоб;
- майл доштан ба худкушӣ ё барқасд ба худ зарар расонидан[2];

[2] Кушишҳои худкушӣ метавонанд дар натиҷаи зӯроварӣ дар оила давомноки ҷисмонӣ, психологӣ (ё омехта) зоҳир гарданд, ҳангоме ки шахси ҷабрдида умедашро барои аз берун кӯмак гирифтан меканад, худ барои тағйир додани вазъият қодир нест. Зӯроварии психологӣ бо агрессияи шифоҳӣ, тарсонидан, таҳқир кардан, таҳдид намудан, ҷабрдидаро сиёҳ кардани хушунатгар зоҳир мегардад.

– суиистеъмол намудани машрубот ва дигар маводи сахттаъсир;
– халалдоршавии солимии репродуктивӣ, аз ҷумла ҳодисаҳои такроршавандаи ҳомиладории номувофиқ ва/ё ҳодисаҳои қатъ намудани ҳомиладорӣ, ҳодисаҳои оқибати номусоиди ҳомиладорӣ;
– вайроншавии системаи асаби марказӣ: дардҳои доимии сар, ихтилолҳои когнитивӣ (ҳолати ногувори равонии шахсият), халалёбии шунавоӣ.

17. Ҳангоми ошкор намудани аломатҳои зерини рафтор алоқаи онҳоро бо зӯроварӣ дар оила муқаррар кардан мумкин аст:
– осебҳое, ки ба нақли шахси ҷабрдида мувофиқ нестанд;
– ҷабрдида кӯшиш менамояд, ки ҷароҳатҳояшро пинҳон намояд ё ҷиддияти онҳоро аз будаш кам нишон диҳад;
– шавҳари зан вайро бо мутахассиси бо ӯ суҳбаткунанда танҳо намегузорад; зан дар муоишират озод нест, дар ҳузури шарикаш аз чизе гуфтан метарсад;
– зани ҷабрдида тарсхурда, изтиробнок ё руҳафтода ба назар менамояд, дар ҳузури шарикаш сухан гуфтан намехоҳад; шавҳар агрессивӣ аст ё бартарӣ дорад, ба ҷабрдида сухан гуфтан имкон намедиҳад.

18. Индикаторҳои муносибати бераҳмона нисбати кӯдакон инҳо мебошанд:
– агрессивият ё баръакс, рӯҳафтодагӣ;
– беназоратӣ;
– бад шудани хондан;
– аломатҳои ҷароҳатҳои ҷисмонӣ (харошҳо, доғҳои кабуд ва ғайра);
– иттилоот оид ба зӯроварии нисбати кӯдакон содиршуда аз дигар сарчашмаҳо (ҳамсинфон, ҳамсояҳо ва ғайра) ба даст меояд.

19. Мутахассисони кумита ва вохидхои зерсохтори он, ки оид ба ҳодисаи зӯроварӣ огоҳӣ ёфтанд, бояд фавран ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, Комиссия оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдаки ҷойи истиқомати ҷабрдидагон муроҷиат намоянд.
20. Кор бо волидайн ва кӯдакон аз тарафи равоншиносон тавассути машваратҳои фардӣ, суҳбатҳои инфиродӣ чиҳати беҳтар намудани муносибати кӯдакону волидайн равонакардашуда гузаронида мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ (таҷовуз ба номус, истисмори шаҳвонии кӯдакон) Комиссияи ҳуқуқҳои кӯдак масъалаи гирифтани кӯдакро аз чунин оилаҳо ва пешниҳод намудани муҳофизати мувофиқро баррасӣ менамояд.
21. Дар ҳолати зӯроварии шаҳвонӣ ба ҷабрдидагон фаҳмонидани зарурияти ҳар чӣ барвақттар гузаронидани муоинаи судию тиббӣ пеш меояд (дар ин маврид зан метавонад баъдтар қарор қабул намояд, ки дар баррасии судӣ иштирок мекунад ё не; дар ҳолати зӯроварӣ нисбати кӯдакон аз тарафи волидон қарорро дар бораи экспертизаи судии тиббӣ Комиссияи ҳуқуқҳои кӯдаки ҷойи зисти кӯдак қабул менамояд). Оқибати ба номуси зан таҷовуз кардан метавонад ҳомиладорӣ ва бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда бошад, аз ин сабаб мутахассисон бояд исроркорона ба ҷабрдидагон машварат гирифтан аз табибони мувофиқро тавсия намоянд.
22. Ҳолатҳои клиникӣ ва рафтори дар боло пешниҳодшуда метавонанд аломатҳои намудҳои зӯроварӣ бошанд, ки ҳангоми пурсиши баъдинаи ҷабрдидагони эҳтимолӣ тасдиқи худро ёбанд. Ҳангоми зарурият – бо ҷалб намудани равоншинос дар ҳуҷраи алоҳида ва бе ҳузур доштани шахсони бегона, дар шароити махфӣ ва ҳангоми мавҷуд будани системаи бозфиристонии ҷабрдидагон ба назди мутахассисони дигар.
23. Кӯмаки заминавӣ ё аввалия ҳангоми ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила – ин кӯмак дар ҷавоби талаботҳои эмотсионалӣ ва амалии ҷабрдида мебошад. Ҳадафҳои он метавонанд 5 ҷузъи асосиро дар бар гиранд, ки ҳамаи мутахассисон бояд риоя кунанд:

- бодиққат ва бемаҳкумкунӣ гӯш кардани ҷабрдида;
- бозпурсӣ кардан ва пешниҳоди саволҳо оид ба эҳтиёҷоти сатҳи эмотсионалӣ, ҷисмонӣ, амалӣ ошкор карда шаванд;
- бовар кунонидани шахси ҷабрдида, ки ӯро мефаҳманд ва маҳкум намекунанд;
- паст намудани хатари зӯроварӣ тавассути кӯмак расонидан дар ташкил ва муҳокимаи нақшаи бехатарӣ (ниг. *Замимаи 1*);
- дастгирӣ ва бозравонӣ ба ҷабрдидагон тавассути пешниҳод намудани иттилои зарурӣ ва кӯмак барои дастрасӣ ба хизматрасониҳо ва кӯмакҳои иҷтимоӣ.

24. Се вазифаи аввали кӯмаки заминавӣ ё аввалия – гӯш кардан, бозпурсӣ кардан, тасдиқ кардан – дар кӯмакрасонӣ мавқеи аввалин дорад, агар ҳолатҳои ба ҳаёт таҳдидкунанда набошанд ё кӯмаки таъхирнопазирро талаб накунанд. Баъди расонидани кӯмаки маҷмӯии тиббию равонӣ 2 вазифаи охирини Кӯмаки аввалия ҳал карда мешаванд (баланд бардоштани бехатарӣ ва дастгирӣ намудан/бозравонӣ ба ташкилотҳои мувофиқ, ки метавонанд ба ҷабрдидагони зӯроварӣ кӯмаки амалӣ расонанд).
25. Кормандони кумита ва зерсохторҳои он ҳангоми муроҷиат оид ба зӯроварӣ бояд:
    - ташаббусро ба дасти худ гирифта, дар бораи зӯроварӣ, махсусан ҳангоми ошкор намудани мавҷудияти зӯроварӣ дар оила саволҳо диҳад;
    - саволҳои бевоситаро вобаста ба зӯроварӣ меҳрубонона, бо таҳаммул ва дар шакли нарму мулоим пешниҳод намуда, муҳимияти суханони ҷабрдидаро қайд намояд;
    - ба ҷабрдида вобаста ба маҳдудиятҳои иттилоот ва махфияти муроҷиат фаҳмонад;
    - ҳамаи диққати худро ба ҷабрдида равона созанд, то ин ки ҷабрдида эътиқод намояд, ки ба суханони ӯ боварӣ доранд;

- қайд намояд, ки зӯроварии содиршуда – айби шахси ҷабрдида нест ва барои рафтори хушунатгарона гунаҳкори зӯроварӣ ҷавобгар аст;
- ҳуқуқҳои мавҷуда ва имконияти кӯмакро дар зинаи маҳаллӣ фаҳмонад;
- ҳангом гирифтани ризоияти шахси ҷабрдида дар бораи хадамоти маҳаллии кӯмакрасонӣ иттилоот пешниҳод намояд;
- барои пешгирӣ намудани вазъияте, ки хушунатгари оилавӣ метавонад талоқи диниро диҳад, пешвоёни динро ҷалб намояд.

26. Ҳангоми мурочиат намудани ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила бевосита ба мутахассиси кумита ва зерсохтори он чунин амалҳоро ба анҷом расонанд:
- бо тартиби муқарраршуда мурочиатро ба қайд гиранд;
- ташхиси аввалияи вазъи шахси мурочиаткунандаро гузаронанд;
- мақсаду вазифаҳои расонидани кӯмаки заруриро муайян намоянд, Нақшаи фардии кӯмакро тартиб диҳанд;
- мутахассисе таъин карда мешавад, ки барои мушоҳидаи иҷтимоӣ ҷавобгар аст (одатан, дар ҷаласаи *Гурӯҳи Кории байниидоравӣ оид ба пешгирӣ намудани зӯроварӣ)*. То қабул намудани қарори мувофиқ мутахассиси дархостқабулнамуда мутахассиси масъул шуморида мешавад.
- кӯмаки минбаъда (тиббӣ, психологӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра) мувофиқи Нақшаи фардии кӯмак расонида мешавад, ки баъдан метавонад тасҳеҳ дода шавад;
- ба мақсадҳои бехатарии ҳаёт, ҳангоми мавҷуд будани таҳдид ба ҳаёти шахси ҷабрдида ва кӯдакони вай (фикрҳои худкушӣ, сӯиқасд ба ҷон) ахборот фавран ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷойи истиқомати шахси ҷабрдида фиристода мешавад (ҳатто бе ризогии вай оид ба фиристодани ин иттилоот);
- дар ҳолатҳои ошкор намудани ҳодисаҳои зӯроварӣ ва мавҷуд будани таҳдиди бевосита барои ҳаёт ва

саломатии аъзои ноболиғи оила ахборот ба Комиссияи ҳуқуқҳои кӯдак ва мақомоти милитсия фиристода мешавад.

27. Ба мақсади расонидани кӯмаки машваратӣ бо ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила хадамоти махсуси телефонӣ тавассути «Телефони боварӣ» ташкил карда мешавад.
28. Ошкор намудани зӯроварӣ дар оила метавонад ҳангоми муроҷиати беном ба хадамоти телефони боварӣ ба амал ояд. Агар шахси ба хадамоти телефон зангзананда хабар диҳад, ки ҳолатҳои зӯровариро аз сар гузаронидааст, мутахассис:
    - кӯмаки фаврии психологӣ мерасонад;
    - бевосита ба ШКД, воҳидҳои зерсохтории кумита ва дигар муассисаҳои ёрирасон, ки мувофиқи салоҳияташон ба вай кӯмак расонида метавонанд, муроҷиат намояд;
    - дар бораи муассисаву ташкилотҳое ахборот пешниҳод менамояд, ки ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила метавонад барои кӯмак муроҷиат намояд, аз ҷумла:
        - нишонӣ ва телефони иртиботии муассисаҳоеро пешниҳод менамояд, ки ҷабрдида ба он ҷо дар ҳолати зарурият/ҳангоме, ки ба ҳаёташ хатар таҳдид мекунад, метавонад муроҷиат намояд;
        - дар бораи муассисаи тиббие ахборот пешниҳод намояд, ки ба он ҷо ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила метавонад барои гирифтани кӯмаки тиббӣ муроҷиат намояд (аз ҷумла Ҳуҷраҳои махсусгардондашудаи дастгирии занони аз зӯроварӣ ҷабрдида дар назди таваллудхонаҳо ва беморхонаиҳои маркази клиникӣ) ҷиҳати тасдиқи осебҳои расонидашудаи ҷисмонӣ (узви экспертизаи судии тиббӣ);
        - координатҳои ШКД ё ҳуҷраи наздиктарини махсусгардондашуда оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оиларо пешниҳод менамояд.
        - бо хоҳиши шахси аз зӯроварӣ ҷабрдида корманди кумита ва воҳидҳои зерсохторӣ

